


# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№53 (4949)

ДУШАНБЕ,
28 АПРЕЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj






## МАШВАРАТИ КОРӢ

**25-уми апрели соли 2025 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо масъулини як қатор сохторҳои давлатӣ ва роҳбарони лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаи энергетика машварати корӣ доир намуданд.**

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳадафи машварати корӣ баррасии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаи энергетика, хусусан лоиҳаҳо оид ба кам намудани талафоти неруи барқ ва бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт, мебошад.

Ҳамзамон бо ин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки масъалаи таъмин намудани аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бо неруи барқ аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи давлат ва Ҳукумат маҳсуб ёфта, дар ин самт Ҳукумати кишвар тадбирҳои зиёдеро амалӣ намуда истодааст.

Зикр гардид, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати кишвар барои зиёд кардани иқтидори истеҳсоли неруи барқ, мустаҳкам сохтани инфрасохтори низоми энергетикӣ, сарфаҷӯӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ 36 лоиҳаи сармоягузории давлатиро ба маблағи 89 миллиард сомонӣ амалӣ намуд. Аз ҷумла, дар самти паст намудани талафоти неруи барқ 3 лоиҳа ба маблағи умумии 1,1 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, татбиқи боз 3 лоиҳаи дигар ба маблағи 2,9 миллиард сомонӣ идома дорад.

Соли 2024 дар соҳаи энергетика боз 11 созишномаи нав барои татбиқи 7 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 9,6 миллиард сомонӣ ба имзо расид, ки барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки дар натиҷаи амалисозии иқдомҳои Ҳукумати кишвар доир ба рушди соҳаи энергетика зиёда аз 2000 мегаватт иқтидорҳои нав ба кор андохта, ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ аз 17 миллиард киловатт-соати соли 1991 ба 22,4 миллиард киловатт-соат дар соли 2024 афзоиш дода шуд.

Роҳбари давлат таъкид намуданд, ки ҳоло дар кишвар татбиқи 20 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар самти энергетика ба маблағи умумии 1 миллиарду 653 миллион доллар идома дорад, ки 36 фоизи маблағи умумии лоиҳаҳои сармоягузории давлатиро ташкил медиҳад. Яъне, қисми асосии маблағҳои ҷалбшаванда маҳз ба соҳаи энергетика равона карда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои ҳар чӣ зудтар бартараф кардани мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби соҳаи энергетика, хусусан комилан беҳтар намудани таъминоти неруи барқ ба аҳолии кишвар ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд.

Дар ин робита, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарфаҷӯӣ ва истифодаи самараноки неруи барқро ҳамчун амри муҳиму ногузир вазифагузорӣ намуданд.

Ба андешаи Роҳбари давлат масъалаи талафоти неруи барқ ва истифодаи ғайриқонунии он дар кишвар ташвишовар боқӣ мемонад. Бинобар ин, таъкид гардид, ки барои ҷорӣ намудани назорати баҳисобгириву истифодаи дурусти неруи барқ Агентии назорати энергетикии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд ва дар қонунгузории кишвар барои истифодаи ғайриқонунии неруи барқ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардид.

Дар машварати корӣ раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаи энергетика, вусъатбахшии ҷараёни васли ҳисобкунакҳои барқии муосир ва амалисозии тадбирҳои дигари пешбинишуда дар самти паст кардани талафоти неруи барқ баррасӣ шуд.

Аз рӯи ин масъалаҳо муовини Сарвазири кишвар Усмоналӣ Усмонзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Султон Раҳимзода, директори Муассисаи давлатии «Маркази идораи лоиҳаҳои бахши электроэнергетика» Нусратулло Асрорзода, директори «Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи кам намудани талафоти неру» Фарҳод Шукурзода ва директор оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва муносибатҳои байналмилалии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто Гурӯҳ» Бежан Азонов гузориш доданд.

Ба Роҳбари давлат доир ба татбиқи амалии нишондодҳои нави қонунгузории кишвар оид ба муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои истифодаи ғайриқонунии неруи барқ ва напардохтани маблағи он Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода ва вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода гузориш доданд. Аз ҷумла, иттилоъ дода шуд, ки барои муайян намудан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани вайронкунандагони тартиботи нави муқаррааргардида санҷишҳои дахлдор васеъ ба роҳ монда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯи масъалаҳои баррасишуда хулосагирӣ намуда, дар назди масъулин вазифаҳои мушаххас гузоштанд. Аз ҷумла, Президенти кишвар супориш доданд, ки барои кам кардани талафоти неруи барқ ва истифодаи самараноки он ҳамчун масъалаи меҳвари таъминкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ҳамаҷониба чораҷӯӣ карда шавад.

Инчунин, бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда ва тақвияти раванди татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба вазорату идораҳои марбута ва роҳбарони лоиҳаҳо бори дигар таъкид намуданд, ки назорати раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатиро, хусусан дар самти кам кардани талафоти неруи барқ, дуруст ба роҳ монда, барои сари вақт ва босифат баргузор намудани озмунҳои харид ва иҷрои қарордодҳои басташуда тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Сарвари давлат ба масъулини соҳа дастур доданд, ки бо истифода аз имконияту воситаҳои мавҷуда, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма, бо ҷалби аҳли зиё ва фаъолони ҷомеа моҳияти муқарраароти қонунгузории навро вобаста ба вазнинии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ истифода намудани неруи барқ ба таври васеъ ба ҳар як оилаи кишвар мушаххас фаҳмонанд.

Тавре таъкид гардид, ҳама бояд хуб донанд, ки минбаъд барои истифодаи ғайриқонунии неруи барқ ва напардохтани маблағи он ҷавобгарӣ пурзӯр карда шудааст, аз ҷумла, ҷавобгарии ҷиноятӣ то маҳрум намудан аз озодӣ ба мӯҳлати то 10 сол муқаррар гардидааст.

Дар фароварди машварати корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар роҳбарону масъулини вазорату идораҳо ва марказу гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳоро вазифадор карданд, ки фаъолияти худро комилан беҳтар намуда, барои ҳалли саривақтии мушкилоту масъалаҳои мавҷудаи соҳа мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

www.prezident.tj

## БАРҚИЯҲОИ ТАСАЛЛӢ

**27-уми апрели соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуд Пизишкиён барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**



**«Ҷаноби Олӣ,**

Хабари ҳодисаи инфиҷори шадид дар бандари Шаҳид Раҷоӣ дар шаҳри Бандар Аббоси Ҷумҳурии Исломии Эрон ва бар асари он ба ҳалокат расидан ва маҷруҳ шудани теъдоди зиёди мардум боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Бо эълони ҳамбастагӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ин ҳодисаи фоҷиабор ба Шумо, давлат ва мардуми дӯсти Эрон маротиби ҳамдардӣ ва таслияти самимии инҷонибро иброз намуда, аз даргоҳи Худованд барои фавтидагон раҳмату мағфират ва барои ҳамаи маҷруҳон шифои комил масъалат дорам».

www.prezident.tj

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Маҷлиси Шурои Исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Боқир Қолибоф дар робита ба таркиш дар бандари Шаҳид Раҷоии шаҳри Бандар Аббос барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд:**

**«Муҳтарам Ҷаноби Раис,**

Хабари таркиши сахтро дар бандари Шаҳид Раҷоии шаҳри Бандар Аббоси Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки боиси талафоти инсонӣ гардид, бо андуҳи зиёд дарёфтем.



Бо изҳори ҳамдардӣ ба Шумо ва тамоми наздикону пайвандони қурбониён таслияти амиқи худро баён намуда, ба ҳамаи маҷруҳон шифои оҷил хоҳонем».

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН



**Бисту панҷуми апрели соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Данғара-Гулистон» ва «Дар хусуси Созишномаи №1 оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишномаи қарзӣ аз 11 марти соли 2022 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва обпарто дар ноҳияи Файзобод» мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуданд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

## ИСТИФОДАИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БАРҚ ҶИНОЯТ АСТ

**Дар даврони соҳибистиқлолӣ таҳти сиёсати хирадмандонаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми кишвар ба эъмори ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд оғоз намуданд ва ба муваффақияти зиёд дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла энергетика, ноил гардиданд.**



Мақсади асосии давлат дар соҳаи энергетика таъмини сифатноки эҳтиёҷоти рӯзафзуни аҳолии ҷумҳурӣ бо неруи барқ фароҳам овардани шароити зарурӣ барои истифодабарандагони энергетика ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ мебошад.

Бо мақсади рушди иқтисодиёти кишвар ҳадафҳои стратегӣ - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар муайян гардида, дар ин самтҳо корҳои зиёд амалӣ шудааст. Роҳбари давлат борҳо таъкид намуданд, ки рушди мунтазами иқтисодиёти кишвар бе истиқлолияти энергетикӣ ғайриимкон аст.

Барои рушди энергетика кӯшишҳо зиёданд. Аз ҷумла, лоиҳаҳои «Кам намудани талафоти неруи барқ» ва «Гузаштан ба низоми ягонаи биллингӣ» бомаром идома доранд, вале новобаста аз корҳои анҷомдода сатҳи талафоти неруи барқ дар кишварамон нигаронкунанда мебошад.

15-уми апрели соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори дигар қонунҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» имзо гузоштанд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

## МУЛОҚОТИ ФАЙЗАЛӢ ИДИЗОДА БО ҶӢ ШУМИН



**23-юми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӣ Шумин мулоқот намуд.**

Зимни суҳбат иброз гардид, ки аз барқароршавии муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин 33 сол сипарӣ гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамкориҳои дӯстонаю мутақобилан судмандро ба роҳ мондааст, ки заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии онро зиёда аз 250 санад ташкил медиҳад.

Дар таърихи муносибатҳои неки дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳо нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Сӣ Ҷинпин хеле назаррас арзёбӣ гардид.

- Муносибатҳои байнипарлумонии кишварҳоямон пайваста густариш ёфта истодаанд, ки ба рушду таҳкими муносибатҳо дар дигар ҷанбаҳо мусоидат хоҳанд намуд,- зикр кард Файзалӣ Идизода.

М. СУЛТОНОВ, «Садои мардум».
Суратгир Н. АЛИЕВ

# ИСТИФОДАИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БАРҚ ҶИНОЯТ АСТ

(Идома аз саҳ. 1)



**Барно САИДВАЛИЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Ҳадафи асосии ворид намудани тағйир ба моддаи 382 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон илова гардидани моддаи нав - моддаи $253^{1}$ пешгирии дахолати беасос ба таҷҳизоти ҳисоби неруи барқ ва вайронкуниҳои қоидаву меъёрҳои истифодаи қувваи барқ мебошад.

Моддаи 382 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Риоя накардани қоидаҳои истифодаи қувваи барқ ва гармӣ» ном дошта, барои истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, худсарона пайваст шудан (насб шудан) ба шабакаҳо ва дастгоҳҳои таъминоти барқ, истифодаи қувваи барқ ва гармӣ бе асбобҳои зарурии назоратӣ ва баҳисобгирӣ ё бе шартнома бо ташкилотҳои таъминоти қувваи барқ ва гармӣ, кандан ва шикастани пломбаҳои муқарраршудаи асбобҳои андозагирӣ, инчунин, аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят ба шахсони воқеӣ аз бист то сӣ, шахсони мансабдор аз сӣ то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин мешавад.

Субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахси воқеӣ, шахси мансабдор ва шахси ҳуқуқӣ шуда метавонад.

Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ синнашон ба шонздаҳ расида бошад.

Шахси мансабдор шахси таъин ё интихобшуда, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, инчунин, шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин, дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда фаҳмида мешавад.

Ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагӣ ё идоракунии оперативӣ молу мулки алоҳида дошта, аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк ҷавобгар бошад, тавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, амалӣ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад.

Мутобиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025», як нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои соли 2025-ум 75 сомонӣ муқаррар гардидааст, ки муҷозот марбут ба ҷарима аз рӯи ин нишондод ҳисоб карда мешаванд. Барои риоя накардани қоидаҳои истифодаи қувваи барқ ва гармӣ дар моддаи 382 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷазои маъмурӣ дар намуди ҷарима пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла:

- ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1500 то 2250 сомонӣ;
- ба шахсони мансабдор аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 2250 то 3750 сомонӣ;
- ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 15000 то 22500 сомонӣ.

Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо назардошти ҳар сол дар таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» метавонад тағйир ёбад.

Барои риоя накардани қоидаҳои истифодаи қувваи барқ ба ғайр аз ҷавобгарии маъмурӣ, инчунин, ҷавобгарии ҷиноятӣ низ пешбинӣ гардидааст.

Тавре дар боло қайд намудем, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 апрели соли 2025 дар Кодекси ҷиноятӣ моддаи $253^{1}$ - «Вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ» илова гардид, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, инчунин, истифодаи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, агар чунин кирдор дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, пешбинӣ менамояд.

Ҳамчунин, дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят ба миқдори калон, бо истифода аз мақоми хизматӣ, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, ба миқдори махсусан калон муайян карда шудааст, ки боиси татбиқи ҷазои вазнинтар мегардад.

Тарафи объективии ҷиноятро барои аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, инчунин, истифодаи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, агар чунин кирдор дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, ташкил медиҳад.

Тарафи субъективӣ - қасди бевоситаро ташкил медиҳад, яъне, гунаҳкор дарк менамояд, ки дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, инчунин, истифодаи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ба давлат зарари молумулкӣ мерасонад ва хоҳиши содир кардани чунин кирдорро дорад. Субъекти ин ҷиноят шахси мукаллафи ба синни 16 расида ба ҳисоб меравад.

Ҷавобгарии ҷиноӣ барои вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ барои ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ зарур аст.

Вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ, ки сабабҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба вуҷуд меоварад, ҳамчун ҷиноят эътироф мегардад. Дар сурати аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, инчунин, истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ба давлат зарари моддӣ расонида мешавад. Маблағҳои насупоридашуда барои истифодаи қувваи барқ метавонанд барои рушд додани соҳаи энергетика ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум сарф шаванд. Истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ на танҳо ба суботи молиявии давлат таъсири манфӣ мерасонад, балки хатари ба вуҷуд овардани садамаҳо, қатъ шудани барқ, сӯхтор ва хатар барои ҳаёт ва саломатии одамонро меорад.

Дар бисёр кишварҳо ин амал ҷиноят эътироф шудааст, ки ин ба амалҳои байналмилалии мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ мувофиқат мекунад. Ин метавонад барои





баробар кардани усулҳо дар мубориза бо чунин вайронкуниҳо ва тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт кумак кунад. Аз ин рӯ, зери таъқиби ҷиноятӣ қарор додани вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ ҳадафҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худро дорад, ки барои нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ, истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ ва таъмини амнияти шаҳрвандон равона шудааст.

Оид ба таркиби моддаи $253^{1}$ Кодекси ҷиноятӣ бояд қайд намоем, ки ин модда аз се қисм иборат мебошад ва қисми якуми он ҷавобгарии ҷиноятиро барои аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, инчунин истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, агар чунин, кирдор дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, муқаррар менамояд. Барои содир кардани кирдорҳои дар қисми як зикршуда ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 27375 сомонӣ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 41025 сомонӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол пешбинӣ гардидааст.

Агар кирдорҳои мазкур ба миқдори калон, аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ ва ё аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад, мутобиқи қисми 2 ҷазои ҷарима ба андозаи аз ҳаштсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 60000 сомонӣ то як ҳазору дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 90000 сомонӣ ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 6 сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар ба миқдори махсусан калон ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содир шуда бошанд, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз шаш то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Сӯиистифода аз мансаб дар барқасдона истифода намудани ваколатҳо ифода мегардад ва тибқи моддаи 62 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят эътироф мешавад.

Дар таҷриба чунин кирдор бисёртар аз ҷониби назоратчиён, ки бо шаҳрвандон забон як карда, нишондоди истифодашудаи қувваи барқро бо мақсади насупоридан ё камтар супоридани қувваи барқ тағйир медиҳанд ва ё дигар мансабдороне, ки аз мақоми хизматии худ сӯиистифода менамоянд, содир мегардад. Дар рафти оғози парвандаи ҷиноятӣ, тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ кирдори онҳо ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят баҳо дода мешавад.

Объекти ҷинояти таҳлилшаванда таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, ғайриқонунӣ истифода намудани он, бо роҳи аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, инчунин, истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ мебошад, агар чунин кирдор дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад. Дар ин ҷо принсипи инсондӯстӣ ба назар гирифта шудааст, яъне қонунгузор пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ ба гунаҳгор имкон медиҳад, ки ислоҳ шавад ва танҳо агар гунаҳгор ислоҳ нагардад ва давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ боз чунин кирдорро содир кунад, мавриди таъқиби ҷиноятӣ қарор мегирад.

Предмети ҷиноят таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ё таҷҳизоти дигаре, ки ҳамчун олоти содиршавии ҷиноят баромад мекунад, маҳсуб меёбад. Масалан, тағйир додани нишондоди таҷҳизоти қувваи барқ бо мақсади пардохт накардани маблағи барқи истифодашуда, ки дар натиҷа ин миқдор қувваи барқ аз ҳисоб берун монда, ба давлат зарари моддӣ расонида мешавад.

Дар маҷмуъ, шаҳрвандонро лозим аст муқаррароти зикршударо қатъиян риоя намуда, илова бар ин, дар истифодаи неруи барқ сарфакор бошанд.

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

(Идома аз саҳ. 1)



